# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

**Душанбе – 2023**

Бо қарори Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф № 11/31, аз 30.11.2023 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:**
**Ш. Рустамшоҳ-** номзади илмҳои филологӣ, директори ФДҶТИБКСМ дар ш. Кӯлоб**;**
**Б.Неъматова** - омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ- гуманитарии ДҶТИБКСМ;
**Ҳ. Ҳалимова-** омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарии ДҶТИБКСМ
**Муҳаррир: Ёрмуҳаммадзода Ш. (н.и.ф.) - м**уовини ректор оид ба корҳои таълимию методии ДҶТИБКСМ.
**Муқарризон: Гуламадов Файз-**доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;
**Ҳайдаров Б.-**мутахассиси маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барномаи таълимии мазкур тибқи стандартҳои фанҳои забон ва адабиёти тоҷик таҳия гардидааст. Он алоқамандии пайвастаи машғулиятҳоро бо барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин менамояд.

Дар барномаи мазкур оид ба навгониҳо, роҳҳои мувофиқи истифодабарии усулҳои фаъоли муосири таълим, технологияи инноватсионӣ, эҷодкории хонандагон дар замони муосир, истифодабарии тестҳо дар ҷараёни таълим ва корҳои инфиродӣ дар муносибати босалоҳият ба таълим аҳамияти махсус дода шудааст. Ҳамчунин, дар барнома мавзуъҳои алтернативӣ ба ниёзи омӯзгорон оварда шудааст.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик тавсия мегардад

# ПЕШГФТОР

Дар шароити кунунии Тоҷикистон вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои ахборӣ (интернет,телевизион ва ғайра) танҳо бо донишу мусаллаҳ будан кифоя нест. Дар амал татбиқ намудани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии наврасону ҷавонон ва ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад.

Барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи касбинтихобкунии ҷавонони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2015 № 30/26 ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мураттаб гардидааст.

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар ҳаҷми 54 соат (22 соат – назариявӣ, 32 соат – амалӣ) таҳия шудааст.

Мақсади асосии барнома баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони фанҳои забони модарӣ ва адабиёт тавассути ошноӣ бо дастовардҳои нави олимони соҳаи филология ва роҳу усулҳои нави таълим, методҳои умумӣ ва хусусии таълими ин фанҳо дар синфҳои ҷудогона бо истифодаи тарзҳои нави инноватсионии таълим мебошад.

Барномаи мазкур бо муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шуда, аҳамияти хоса дорад.

Шунавандагони курсҳои такмили ихтисос дар ҷараёни таълим аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аснодҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва амсоли инҳо маълумот мегиранд. Онҳо дар рафти курс аз воситаҳои нави иттилоотӣ огоҳ шуда, роҳҳои истифода намудани онҳоро меомӯзанд.

Дар таҳияи барнома бештар методҳои интерактивӣ ҳамчун замина ба инобат гирифта шудаанд, ки онҳо истифодаи роҳу усулҳои гуногуни таълимро тақозо менамоянд. Зеро азхудкунии тарзу усулҳои гуногуни таълим ва муқоисаи онҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки барои баланд бардоштани маънавиёти хонандагон роҳҳои зиёдеро интихоб кунад,то тавассути онҳо савияи дониши шогирдонро ба андозаи имкон мукаммал ва афзун созад.

Дар барнома омӯзгорон бо вазифа ва мазмуни курс; роҳу усул ва шаклҳои гуногуни ташкили машғулиятҳо аз фанҳои забони модарӣ ва адабиёт; зинаҳои гуногуни омӯзиши ин фанҳо; робитаи фанҳои мазкур бо дигар фанҳои таълимӣ; ҳалли масъалаҳои фарҳангӣ; ҳаёт ва фаъолияти адибони барҷастаи классикиву муосир ва мероси илмиву адабии онҳо; таҳлили ҷумлаҳо ва амсоли инҳо ошно мегарданд. Инчунин, дар барнома оид ба масъалаҳои ташаккули маҳорати касбӣ ва педагогии омӯзгорон диққати махсус дода шудааст.

**Мақсад ва вазифаи таълими фанни забони тоҷикӣ** дар КТИ ин аст.

Фанни мазкур бояд:

- дар бораи забони адабии тоҷик маълумоти мукаммал ва қонеъкунанда диҳад;
- роҳҳои самаранок истифода намудани дастовардҳои илмӣ-методӣ, таҷрибаҳои пешқадами педагогиро дар раванди тадрис татбиқ намояд;
- дар бораи забони адабии тоҷик маълумоти васеъ ва қонеъкунанда диҳад;
- принсипҳои илмиву пайдарҳамӣ ва фаҳмо будани маводи таълимро тақвият бахшад;
- маҳорату малакаи дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ва ҳаёти ҷамъиятӣ андухтаи худро сайқал диҳад;
- барои гузаронидани дарсҳои намунавӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик талош намояд;
- истифодаи дурусту мақсадноки воситаҳои нави иттилоотӣ, усулҳои фаъол ва интерактивии таълимро омӯзонад;
- донишҳои доир ба омӯзиши қисматҳои таркибии фонетика, калима (луғат), калимасозӣ, морфология, синтаксис, услуб (тарзи баён), имло ва аломатҳои китобат гирифтаи омӯзгоронро ба низом дарорад;
- робитаи дигар фанҳоро таъмин намояд ва ҳоказо.

Кор бо инкишофи нутқи гуфтoриву навиштории шунавандагон дар тамоми ҷараёни таълими фанни забони тоҷикӣ амалӣ мегардад.

Вазифаҳои мураккаби таълими забон дар доираи фанни забони тоҷикӣ баррасӣ мегарданд.

Адабиёти тоҷик таърихи беш аз ҳазорсола дошта, омӯзиши зиндагиномаи адибон бо гузориши фаъолияти иҷтимоӣ ва адабии эшон аз рукнҳои муҳимми таълими он маҳсуб меёбад.

**Муҳимтарин вазифаи таълими адабиёт** омода кардани омӯзгорон барои истифода аз мероси гаронбаҳову пурқиммати адабии гузаштаву муосир, дарёфти завқи маърифату шинохти онҳо мебошад. Ба ин маънӣ, ҳангоми ба ҷо овардани ин вазифаҳо 3 натиҷаи муҳим ба даст меояд:

1. Шунавандагон дар рафти машғулиятҳо бо маънавиёт, ҷаҳонбинӣ, забон, мазмун ва сохтори шаклию ҳунарии мероси гузаштагон аз наздик ошно мегарданд.
2. Онҳо барои минбаъд вусъат додани мутолиаи осори гузаштагон аз наздик ошно мегарданд;
3. Барои шогирдони оянда дастовардҳои адабии гузаштагонро пос нигоҳ медоранд.

Мақсади асосии таълими адабиёт тарбияи худогоҳии миллӣ ва тарбияи ватанхоҳӣ мебошад. Вусъат додани ҷаҳонбинии хонандагон дар фазои гуногунрангии таърихӣ ва вусъати ҷуғрофӣ вазифаи дигари таълими адабиёт аст. Аз мавқеи фарогирии умумии вазифаҳои таълим дар ҷараёни тадриси адабиёт метавон 3 натиҷа ба даст овард:

1. Қироат ва фаҳму дарки асари адабӣ.
2. Ба маънои сухан сарфаҳм рафтан аз мавқеи санъатҳои
   бадеӣ, маҷозу рамзиёт, тамсилот ва вазну қофия.
3. Омодагӣ барои шинохт ва таҳлили асари адабӣ аз ҷиҳати мазмун, маъно, ғоя, нақшҳои ҳунарӣ (образҳо), сужет ва дигар унсурҳои мазмун ва шакли асари адабӣ.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми таълими забон ва адабиёти тоҷик омӯзгорон ба такмили ихтисос дар самтҳои зерин ниёз доранд:

- мувофиқати талаботи стандартҳо бо китобҳои дарсӣ ва таҳияи нақшаи дарс дар асоси онҳо;
- тартиб додани саволу супоришҳо барои хондан бо мақсади дарки маънӣ, муайян намудани ахбори зарурӣ, таҳлили ҳодисаҳои матн ва муқоисаи онҳо ба ҳаёт;
- ҳосил кардани малакаҳои эҷодкорӣ, амсоли навиштани нақли хаттӣ, иншо, эссе ва ҳикоя;

- ҳосил кардани малакаю маҳорати шунидан ва таҳлили ахбори шунида, хулосабарорӣ ва посух додан ба саволу супоришҳо;
- тарзи муаррифӣ ва машқи унсурҳои грамматикию имлоӣ;
- воситаҳои самараноки омӯзиши луғатҳо;
- арзёбии фаъолияти таълимии хонандагон ҳангоми навиштан, хондан, гуфтан, машқи имло ва луғатомӯзӣ;
- арзёбии фаъолияти таълимии хонандагон ҳангоми баёни ҳаёт ва фаъолияти адибон;
- таълими ҳамгирои унсурҳои забон ва адабиёти тоҷик;
- банақшагирӣ ва истифодаи бозиҳои дидактикӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик.

**1.Мақсади таълим-**мақсадҳои мушаххаси таълимие, ки барои ҳосил шудани салоҳиятҳои муайян равона шудаанд.

**2.Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд.

**3.Фаъолияти таълим** – аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**4.Вақт** – ченаки эҳтимолие, ки барои ноил шудан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод мегардад.

**Талаботи барнома:**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар анҷоми курс салоҳиятҳои зеринро ташаккул дода метавонанд:

- дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ – нақшаҳои тақвимӣ ва дарсӣ таҳия менамоянд;
- методҳои муосири такмили малакаҳои хонандагонро дар самтҳои бурро хондан, қироат барои дарки маънӣ ва мақсади асосии матн, таҳлили ахбор ва хулосабарориро истифода бурда, дар асоси онҳо саволу супориш тартиб медиҳанд;
- навгониҳои дар соҳаи педагогика ва психология омӯхтаашонро дар амал татбиқ менамоянд;
- методҳои муосири такмили малакаҳои хонандагонро дар хушнависӣ, навиштани диктант, нақли хаттӣ, иншо, эссе, ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ, ҳикоя, очерк, повест, роман, достон ва амсоли инҳо истифода бурда, дар асоси онҳо саволу супоришҳо омода месозанд;
- методҳои муосири такмили малакаю маҳорати хонандагонро дар озодона баён намудани фикр ва ҳангоми гуфтор риоя кардани қоидаҳои забони адабӣ, таҳлилу хулосабарорӣ, тақвият додани фикр тавассути ахбори хондаю шунида, дониши ҳосилшуда ва савол гузоштан истифода мебаранд;
- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими мавзуъҳои забон ва адабиёти тоҷик, мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълимии ба муносибати бо салоҳият нигаронидашуда, ба роҳ монда метавонанд;
- ҳангоми интихоби мавзуъҳо, арзишҳои ахлоқӣ, маърифатӣ, завқӣ, эстетикиро ба назар мегиранд;
- арзёбии ҳаёт ва фаъолияти адибони гузаштаву муосирро меомӯзанд;

• ба омӯзиши лаҳзаҳои хаёлангезу андешапарвари асарҳои халқӣ, ки дар воқеияти табиӣ, тасвирҳои хаёлии ҷолиб, нишонаҳои асотирии қадим инъикос ёфтаанд, диққат медиҳанд;

• воситаҳои арзёбии фаъолияти таълимии хонандагонро ҳангоми хондан, навиштан, гуфтан, таҳлил, машқи рукнҳои грамматика истифода мебаранд;

• дар асоси ҳамгироии рукнҳои забономӯзӣ ва адабиётшиносӣ саволу супоришҳои таълимӣ таҳия карда, воситаҳои арзёбии онҳоро муайян мекунанд ва ҳоказо.

Ба ин маънӣ, фасли «Методикаи таълими фан» аз қисмҳои: а) такмили маҳорати касбӣ; б) таъмини дидактикии ҷараёни таълим ва методикаи умумию хусусии таълими фан иборат буда, он фанҳои забон ва адабиёти тоҷикро дар бар мегирад.

Барномаи методикаи таълими фан аз чор фасл иборат аст: 1) консепсияи таълими фан; 2) нақшаю барномаи таълими фан; 3) воситаҳои арзёбии курс; 4) адабиёти тавсияшаванда.

Дар рӯйхати адабиёти истифодашаванда адабиёти марбут ба мақсаду маром ва масъалаҳои таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дахлдошта тавсия дода мешаванд.

Азхудкунии барнома тавассути санҷиши тестӣ ба воситаи компютер арзёбӣ карда мешавад.

Пас аз хатми курс шунаванда бояд:

- моҳияти сиёсати давлат дар соҳаи маориф;
- асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;
- истифодаи технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик;
- моҳият, хусусиятҳо ва усулҳои тадқиқоти илмиро донад.

**Ба салоҳиятҳои зерин бояд ноил гардад:**

• фаъолияти касбии хешро бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ таҳлил карда тавонад;

- аз уҳдаи гузаронидани мониторинги сифати дониши хонандагон бароянд;
- фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳангоми кор бо «Технологияи информатсионӣ-комуникатсионӣ» ба роҳ монда тавонад;
- барномаҳои таълимии иловагии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб дода, арзёбӣ намояд;
- саволномаҳои аттестатсияи ҷамъбастӣ (рейтинг, санҷиш, имтиҳон), олимпиада ва викторинаро мустақилона тартиб дода, омода сохта тавонад;
- маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикии оид ба таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик бударо бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;
- дар асоси донишҳои назариявӣ таҳқиқот гузаронида тавонад.

**Малакаи зеринро бояд дошта бошад:**

- технологияи муосири педагогии таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик;
- истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбӣ;
- методологияи тарзи истифодаи ТИК.

## Нақшаи
## таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1 | Тахассус, методикаи таълими фан | 54 | 22 | 32 |
| 2 | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 3 | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4 | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5 | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6 | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7 | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |

## Нақшаи
## тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **I.** | **Тахассус, методикаи таълими фан** | **54** | **22** | **32** |
| 1 | Моҳияти омӯзиши забони адабии ҳозираи тоҷик. Мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ | 2 | 1 | 1 |
| 2 | Забон ва адабиёт ҳамчун фанни таълимии муассиса.Таҳлили илмӣ–методии мазмун ва сохтори китобҳои дарсӣ | 2 | 1 | 1 |
| 3 | Мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимии фан. Талаботи барнома | 2 | 1 | 1 |
| 4 | Тадриси дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик тибқи муносибати босалоҳият ба таълим. Усули сезинагии таълим | 2 | 1 | 1 |
| 5 | Банақшагирии дарс дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим. Мақсадгузорӣ дар асоси салоҳиятҳо | 2 | 1 | 1 |
| 6 | Методҳои таълими фанни забони модарӣ тибқи муносибати босалоҳият ба таълим | 2 | 1 | 1 |
| 7 | Арзёбии ташаккулдиҳанда ва роҳҳои истифодаи он дар раванди дарсҳо | 2 | | 2 |
| 8 | Хусусиятҳои фарққунанда дар | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | муносибати босалоҳият ба таълим | | | |
| 9 | Роҳҳои ташаккули салоҳиятҳоии забонӣ ва иртиботӣ дар раванди дарс. Мафҳуми салоҳиятҳои фаннӣ ва асосӣ дар таълим | 2 | 1 | 1 |
| 10 | Проблемагузорӣ дар дарс. Тарзи натиҷагирии дониш бо усули тестӣ | 2 | 1 | 1 |
| 11. | Нақш ва вазифаҳои кабинетҳои таълимӣ дар таълими фан | 2 | 1 | 1 |
| 12. | Тафаккури интиқодӣ дар раванди дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик. | 2 | 1 | 1 |
| 13. | Истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивии таълим (УФТ) дар раванди дарс. | 4 | 1 | 3 |
| 14. | Методикаи гирифтани корҳои хаттӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик | 2 | 1 | 1 |
| 15. | Хелҳои (тип) дарс, методикаи гузаронидани онҳо аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик | 2 | 1 | 1 |
| 16. | Таълими омехта ва моҳияти он | 2 | 2 | |
| 17 | Методикаи омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳои 5 ва 6 | 2 | 1 | 1 |
| 18 | Методикаи омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфи 7-8 | 2 | 1 | 1 |
| 19 | Методикаи омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфи 9-10 | 2 | 1 | 1 |
| 20 | Методикаи омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфи 11 | 2 | 1 | 1 |
| 21 | Роҳҳои омӯзиши ҷинсҳои адабӣ, умумият ва фарқияти онҳо | 2 | | 2 |
| 22 | Кор бо матнҳо дар дарси забон ва моҳияти он | 2 | | 2 |
| 23 | Роҳҳои омӯзиши таҳлили ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 24 | Методикаи ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ | 2 | | 2 |
| 25 | Таълими баҳрҳои арӯз ва рукнҳои солими он дар дарси адабиёт | 4 | 1 | 3 |
| **II.** | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | | | |
| 1. | Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ (базавӣ) | 6 | - | 6 |
| 2. | Роҳу усулҳои таълими ҷумлаҳои мураккаби омехта ва таълими он дар синфи 9 | 1 | | 1 |
| 3. | Тарзи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти адибони муосир, олимон ва фарзандони фарзонаи халқи тоҷик дар синфи 11 | 2 | 1 | 1 |
| 4. | Нақши ҳамгирои таълим дар раванди дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик | 2 | 1 | 1 |
| 5. | Таълими муқоисавии мавзуъҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол | 2 | 1 | 1 |
| 6. | Аъзои истисноии ҷумла, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ва усули таълими онҳо | 1 | | 1 |
| 7. | Тарзҳои гузаронидани таҳлил ва намудҳои он (фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ) | 2 | | 2 |
| 8. | Педагогикаи хонандамеҳвару омӯзгор-меҳвар ва моҳияти онҳо. | 2 | 1 | 1 |
| 9. | Тарҳи унверсалии омӯзиш ва мусоидсозии оқилона дар дарси забон ва адабиёти тоҷик | 2 | 1 | 1 |
| 10. | Эссе ва роҳҳои омӯзиши он дар муассиса. | 2 | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ** | **22** | **6** | **16** |

## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК (54 СОАТ).

**Мавзуи 1. Моҳияти омӯзиши забони адабии ҳозираи тоҷик. Мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ.** Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. Пайвандгари наслҳои имрӯзу фардо ба ҳисоб рафтани забони ҳар як халқу миллат. Забон – омили асосии рушди миллат ва таърихи зиндагии он. Тӯли садсолаҳо ҳамчун забони муоширати байни қавмҳо ва халқҳои гуногун қарор доштани забони ноби тоҷикӣ. Ҳамчун забони дарбори ҳокимон истифода шудани забони тоҷикӣ дар аҳди Сомониён ва ҳатто баъд аз он. Барои ташаккул ва рушди минбаъдаи забони давлатӣ ва меъёрҳои адабии он заминаҳои мусоид фароҳам овардани Истиқлолияти давлатӣ.

Сабабҳои омӯзиши забони адабии ҳозираи тоҷик. Аҳамияти забондонӣ дар шароити кунунӣ. Забони тоҷикӣ ва мақоми давлатӣ гирифтани он. Имлои нави забони тоҷикӣ. Алифбо, тартиб ва номи ҳарфҳои забони тоҷикӣ. Имлои садоноку ҳамсадоҳо. Аз сатр ба сатр гузаронидани ҳиҷои калима. Имлои ҳиссаҳои мустақили нутқ – исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл (сифати феълӣ, феъли ҳол) ва зарф. Имлои ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ – пешоянд, пасоянд, пайвандак, ҳиссача ва нидо. Имлои калимаҳои тақлидӣ ва тасвирӣ.

Меъёри навишти ҳарфи «у» ва «ӯ» (навишти ҳарфи «у» бар ивази ҳарфи «ӯ» пеш аз ҳарфи «ҳ» ва ъ (сакта). Роҳҳои азхудкунӣ ва истифодаи забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар ҳаёти ҷомеа, аз он ҷумла, дар муассисаҳои соҳаи маориф. Шарҳу тафсири номаи табрикотии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забон.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон роҷеъ ба моҳияти омӯзиши забони адабии ҳозираи тоҷик ва

мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ. Баҳсҳо дар атрофи имлои нави забони тоҷикӣ ва қоидаҳои он. Аҳамияти забондонӣ дар шароити кунунӣ. Бузургон дар ситоиши забон. Меъёри навишти баъзе ҳарфҳо, аз қабили ҳарфҳои «у» ва «ӯ» пеш аз ҳарфи «ҳ» ва ъ (сакта) (аз таҷриба).

**Мавзуи 2. Забон ва адабиёт ҳамчун фанҳои таълимии муассиса. Таҳлили илмӣ - методии мазмун ва сохтори китобҳои дарсӣ.**

Забон – одитарин зуҳурот ва нишони мавҷудияти ҳар як миллат. Муҳаббат ба забони модарӣ – як ҷузъи муҳаббат ба Ватан. Мақоми адабиёт дар ташаккули инсон, афзоиши маънавиёт ва ҷаҳонбинӣ, сарвати рӯҳӣ ва покизагии ахлоқ, такомули ҳисси ватандӯстӣ, гуманизм, поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулият-шиносӣ. Вазифаҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва эстетикии адабиёти бадеӣ. Мавқеи адабиёт дар байни фанҳои таълимии ҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсею коллеҷҳо ва донишкадаву донишгоҳҳо.

Мақсад, вазифа ва методҳои омӯзиши адабиёт дар ҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аҳамияти ҷамъиятии забон ва адабиёт ҳамчун ашёи таълим. Сохт ва мундариҷаи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик. Манбаъ ва сарчашмаҳои асосии методикаи забон ва адабиёт. Ҷамъбасти таҷрибаи омӯзгорони пешқадам, навовар ва «Омӯзгори сол». Дар ҷараёни омӯзиш инкишоф додани малакаи дарккунӣ, маданияти нутқи даҳонӣ ва хаттии шунавандагон. Корҳои беруназсинфӣ ва берунозӣ доир ба забон ва адабиёти тоҷик.

Тарзи таҳлили мазмун ва мундариҷаи китоби дарсӣ. Сохтори китобҳои дарсӣ. Мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ. Мувофиқати китобҳои дарсӣ бо барномаи таълимӣ ва стандарти давлатии таҳсилот. Баёни мавзуъҳо дар китобҳои дарсӣ. Риояи алоқамандии мавзуъҳо дар китобҳои дарсӣ. Алоқамандии байниҳамдигарии мавзуъҳои

китобҳои дарсии синфҳои алоҳида. Робитаи дохилифаннӣ ва байнифаннии мавзуъҳо дар барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ. Ба назаргирии синну соли хонанда дар баёни мавзуъҳои таълимии китобҳои дарсӣ дар синфҳои алоҳида. Ба хонандагон дастрас будани мазмуни маводи китобҳои дарсӣ, таҳлили моҳияти таълимию методии китоби дарсӣ ва таҳлили маводи аёнии китобҳои дарсӣ. Мафҳумҳои асосии истифодашуда дар китоби дарсӣ. Методикаи ташаккули мафҳумҳои асосӣ. Ороиши китоби дарсӣ. Таҷрибаҳо, намоишҳо ва номгӯи корҳои беруназзсинфӣ ва берунаӣ. Мавҷудияти адабиёти методӣ ва тарзи таълими фан.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Забон ва адабиёт ҳамчун фанни таълимии » ва мазмун ва сохтори китобҳои дарсӣ, алоқамандии байниҳамдигарии мавзуъҳо, робитаи дохилифаннӣ ва байнифаннии мавзуъҳо дар китобҳои дарсӣ (дар асоси таҷриба ва китобҳои дарсие, ки бевосита аз онҳо истифода менамоянд). Дар дарсҳо риоя намудан ба робитаи байни фанҳо, минҷумла фанҳои забон ва адабиёти тоҷик. Дар алоқамандии ин фанҳо доир намудани дарсҳо (аз таҷриба). Баён намудани мулоҳизаҳо доир ба мазмун ва сохтори китобҳои дарсӣ (шифоҳӣ ва хаттӣ).

**Мавзуи 3. Мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимии фан. Талаботи барнома**

Таҳлили ҷабҳаҳои илмӣ-методии барномаҳои таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик. Муқоисаи барномаи нави таълимии фанҳои номбурда бо барномаҳои пешин: афзалият ва норасоиҳои онҳо. Таҳлили мазмун ва мундариҷаи барномаҳои нави фанҳои забон ва адабиёти тоҷик. Риояи принсипҳои илмиву пайдарҳамӣ ва фаҳмо будани маводи таълим бо риояи талаботи педагогӣ ва равоншиносиву методӣ. Марҳилаҳои таълими фанни адабиёт (дарсҳои хониши адабӣ дар синфҳои V-VII ва

дарсҳои таърихи адабиёт дар синфҳои VIII-XI). Мақсад ва вазифаҳои таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муассиса тибқи талаботи асноди̣, ҳуқуқӣ ва стандарти давлатии таҳсилот ва ҷомеа. Муҳокимаи нақшаҳои намунавии таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Омӯзгор баъди шиносоӣ бо мавзуи номбурда бояд дорои дониш, малака ва маҳоратҳои зерин гардад:

–дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаи таълимӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ ва нақша-конспекти намунавӣ таҳия карда тавонад;

–ҳангоми таълими фанни забони тоҷикӣ методикаи муосири таълим: бурро хондан; дарки маънӣ ва мақсади асосии матн; таҳлили ахбор; хушнависӣ; навиштани диктант (имло), нақли хаттӣ, иншо, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва коргузорӣ; озодона баён намудани фикр ва ҳангоми гуфтор риоя кардани қоидаҳои забони адабӣ; таҳлилу хулосабарорӣ ва тақвият додани фикр тавассути ахбори хонда ва шунида; таҳлили маводи фонетика, морфология ва синтаксис; мавзуъҳои дарсҳои «Инкишофи нутқи мураттаб» ва амсоли инҳоро тибқи саволу супоришҳои таълимӣ таҳия карда, воситаҳои арзёбии онҳоро муайян карда тавонад;

–ҳангоми таълими фанни адабиёти тоҷик: такмили донишҳои зарурии хонандагон дар бораи адибони гузаштаву муосир; ҳамбастагии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик; зиндагиномаи адибон ва мероси адабии онҳо; ташаккули фаҳмиши илмии хонандагон дар бораи назм ва наср; инкишофи малакаю маҳорати аз ёд кардани порчаҳои назмиву насрӣ, дар хонандагон бедор кардани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ватанпарварӣ, ахлоқи ҳамида, ҳисси эҳтиром ба падару модарон, устодон, пиру барно ва ашхоси аз худ калонсол; инкишофи қобилияти амалӣ, фикрӣ ва эҷодӣ; қироат ва фаҳму дарки асари бадеӣ аз мавқеи савтиёт, калима ва таркибот, ҷумла ва мафҳумҳои матни асари адабӣ; фаҳми маънои сухан аз мавқеи санъатҳои

бадеӣ, маҷозу рамзиёт ва тамсилот; шинохти вазну қофия; таҳлили асари бадеӣ аз ҷиҳати мазмун, маъно, ғоя, нақшҳои ҳунарӣ (образҳо), сужет ва дигар унсурҳои мазмун ва шакли асари адабӣ; луғат ва мафҳумҳои адабиро ба эътибор гирад ва ҳоказо.

**Мавзуи 4.Тадриси дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик бо муносибати босалоҳият ба таълим. Усули сезинагии таълим.**

Аҳамияти гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим. Сабабҳои ворид намудани тағйирот ба муносибати нави таҳсилот: моҳият, дастовард ва норасоиҳо. Хусусиятҳои фарқкунандаи муносибати бо салоҳият ба таълим. Таълими хонандамеҳвар ё таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шуда. Минтақаҳои актуалӣ ва наздиктарини инкишоф. Назарияи гуногунии зеҳн.

Модели сезинагии таълим ва моҳияти он. Мулоҳизакорона ба нақша гирифтани дарс ва тавассути модели сезинагӣ ба мақсад расидани омӯзгор.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба муносибати босалоҳият ба таълим. Маънидод намудани сабабҳои ворид намудани тағйирот ба низоми таҳсилот. Роҳбаладии омӯзгор дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ҳангоми гузаштан ба муносибати босалоҳият ба таълим. Таҳия намудани нақшаи дарси яксоата бо модели сезинагии таълим.

**Мавзуи 5**. **Банақшагирии дарсҳо дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим. Мақсадгузорӣ дар асоси салоҳиятҳо.**

Сохтори стандарти фанни забони модарӣ ва адабиёти тоҷик. Сохтори нақшаҳои тақвимӣ-мавзуии фанҳои забони модарӣ ва адабиёти тоҷик. Кор бо стандарт, китобҳои дарсӣ ва замимаҳои забони модарӣ ва адабиёти тоҷик. Баъзе масъалаҳои ташкили раванди таълим мувофиқи стандартҳои нав. Вазифаи хонагӣ аз фанҳои номбурда, дар

муносибати босалоҳият ба таълим. Нақшаи маҷлиси падару модарон оид ба муносибати таълими нав. Мақсадгузорӣ дар таълим. Мутобиқи проблемагузорӣ, ҳадафнок гардидани муносибати бо салоҳият ба таълим.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақидаҳои шунавандагон дар бобати банақшагирии дарсҳо дар муносибати босалоҳият ба таълим. Таҳияи дарси яксоата тибқи муносибати босалоҳият ба таълим. Муайян намудани салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ ва мақсадҳои мавзуъ. Истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дар таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик. Шунавандагон тарзи гузаронидани дарсҳои забон ва адабиёт тибқи муносибати босалоҳият ба таълимро нишон медиҳанд.

Баён намудани фикру ақидаҳо роҷеъ ба муносибати бо салоҳият ба таълим ва натиҷагирии дарсҳо (аз таҷриба).

**Мавзуи 6. Методҳои таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муносибати босалоҳият ба таълим.**

Маълумоти умумӣ дар бораи технология ва методҳои умумии таълим дар муносибати босалоҳият ба таълим. Технологияи таълими хонандамеҳвар дар дарси забон ва адабиёти точик ва таълими лоиҳавӣ дар дарсҳо. Технологияи таълими интерактивӣ. Роҳу усули машғулиятҳои дунафарӣ ва гурӯҳӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик. Тарзи гузаронидани лаҳзаҳои дамгирӣ дар дарсҳои номбурда. Истифодаи методҳои таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар муносибати босалоҳият ба таълим.

**Дарси амалӣ.** Роҳу усулҳои ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ таълим додани методҳои ҳозиразамон. Шарҳу маънидод намудани усулҳои гуногун ва истифодаи дурусти онҳо дар дарс. Бо мисолҳо шарҳу тавзеҳ додани тарзу роҳҳои ба хонандагон фаҳмонидани методҳои номбурда (аз таҷриба).

**Мавзуи 7.Арзёбии ташаккулдиҳанда ва роҳҳои истифодаи он дар раванди дарсҳо.** Маълумот дар бораи арзёбӣ. Мақсадҳои арзёбӣ. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим. Усул ва воситаҳои арзёбӣ. Арзёбии ташаккулдиҳанда. Усул ва воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ. Ба таври тафриқавӣ ба нақша гирифтани мақсад, вазифа ва фаъолиятҳои таълим, мувофиқи ниёзи хонандагон. Омода намудани нақшаи яксоатаи дарс ва арзёбӣ намудани он.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба арзёбии муносибати бо салоҳият ба таълим. Мақсад ва вазифаҳои арзёбӣ дар таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик. Андешаҳо роҷеъ ба арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ дар дарси забон ва адабиёти тоҷик (аз таҷриба).

**Мавзуи 8. Хусусиятҳои фарқкунанда дар муносибати босалоҳият ба таълим.** Муносибат ва хусусиятҳои раванди таълим.Хусусияти муносибати омӯзгор- хонанда.Донистан ва дар амал татбиқ кардани хусусиятҳои фарқкунанда дар муносибати босалоҳият ба таълим.Ташаккули маърифатии хонандагон дар муносибати босалоҳият ба таълим. Баланд бардоштани масъулиятнокӣ ва маърифатнокии хонандагон. Унсурҳо ва навъҳои фарқкунандаи муносибати босалоҳият ба таълим

**Дарси амалӣ.** Шиносоӣ бо унсур ва хусусиятҳои муносибати босалоҳият ба таълим. Донистан ва дар таҷриба дуруст истифода бурдани унсурҳои фарқунандаи муносибати босалоҳият ба таълим. Шунавандагон дарсҳои намунавиро аз фанни забон ва адабиёти тоҷик омода намуда ,

**Мавзуи 9. Роҳҳои ташаккули салоҳиятҳоии забонӣ ва иртиботӣ дар раванди дарс. Мафҳуми салоҳиятҳои фаннӣ ва асосӣ дар таълим.** Салоҳиятҳо дар таълим. Марҳилаҳои ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва натиҷаҳои таълим. Салоҳиятҳои иртиботӣ (комуникативӣ) ва ташаккули қобилияти корбурди забон дар муошират. Муносибати

мушаххас ба таълими салоҳиятнокӣ.

**Дарси амалӣ.**Шунаванедагон фарқияти салоҳиятҳои забони ва иртиботиро аз худ намуда, аз таҷриба намунаҳо меоранд. Таҳияи дарсҳо ва ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ.

**Мавзуи 10**. **Проблемагузорӣ дар дарс. Тарзи натиҷагирии дониш бо усули тестӣ.**

Мафҳуми Problema (калимаи юнонӣ) ва маъноҳои он (1 – мушкилот; 2 – номувофиқатӣ байни он чи ки ҳаст ва чизе ки бояд шавад). Таърих ва фалсафаи омӯзиши проблемавӣ. Муайян намудани сарчашмаи таърихӣ ва фалсафаи омӯзиши проблемавӣ. (Овардани мисолҳо аз саргузашти сафири Юнони Қадим – Исмений ва хомӯшии Буддо ҳангоми ибодат ва шогирдонро дар ҳолати ногувор гузоштани ӯ).

Гузориши проблема – инкишофдиҳандаи тафаккури фикрӣ, шавқи дарккунӣ ва эҷодкории мустақилонаи хонандагон. Вазъияти проблемавӣ ва ба миён овардани он дар дарс. Ҳанӯз ҳам ба саволи «Маънӣ ва таъиноти ҳаёти инсон дар чист?» ҷавоб ҷустани одамон. Дараҷаҳои проблеманокӣ. Проблемаҳои илмӣ ва таълимӣ. Умумият: 1. Мавҷудияти ихтилофҳои объективӣ. 2. Вазъи мушкилоти зеҳнӣ ва психологӣ. Фарқият: 1. Дар проблемаи илмӣ масъалаи гузошташуда ҳанӯз ҳал нашудааст. 2. Дар проблемаи таълимӣ масъала ҳал шудааст, усул ва натиҷаҳои масъала маълум аст. Мундариҷаи таълим ва гузориши проблема: а) гузаронидани таҳлили мантиқӣ–дидактикии маводи таълимӣ; б) муайян кардани имконияти гузориши проблема; в) интихоби маводи иловагӣ барои сохтани вазъиятҳои проблемавӣ, амсоли аз таърихи илм ва техника; г) таҳия кардани системаи проблемаҳо аз рӯйи саволҳои асосии мавзуъ ва фасл. Ғояи асосии омӯзиши проблемавӣ: а) ҳамкории фаъоли хонанда бо мундариҷаи проблемаи гузошташуда; б) азхудкунии усул ва методҳои ҳалли проблема; в) ба даст овардани дониш дар ҷараёни

тақлидӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ; г) мақсади ниҳоӣ – омӯзонидани шунавандагон барои дида тавонистани проблема ва ҳалли он. Методҳои омӯзиши проблемавӣ: а) методи тадқиқотӣ; б) методи эврестикӣ; в) методҳои ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ. Моҳияти методҳои номбурда.

Роҳу усулҳои анъанавии назорати шифоҳӣ ва хаттии таълим. Афзалиятҳо ва норасоиҳои онҳо. Раванди идоракунии имтиҳони мутамарказ, расонидани иттилоот ва омодасозии муассисаҳо барои татбиқи низоми нави баҳодиҳӣ ба дониши хонандагон. Зарурати ба миён омадани ташкили системаи боэътимоди баҳодиҳӣ ба дониши хонандагон, баланд бардоштани сифати таълим, таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти олии касбӣ ва ҷорӣ намудани санҷиши тестӣ. Усули тартиб додани тестҳо. Тарзи гузаронидани имтиҳон ва ё санҷиш бо усули тестӣ. Натиҷагирии тест ва ё мониторинг. Тарзи омӯзиши хонандагон бо усули пуркунии варақаи тестӣ. Бартарияти назорати дониши хонандагон бо методи тестӣ.

**Дарси амалӣ.** Мулоҳизаҳои педагогӣ ва хулосабарорӣ (ба қайд гирифтани фикру ақидаҳои шунавандагон баъди саволи «Шумо чиро омӯхтед?») Ҳангоми ҷамъбаст, ба хулосаи тахминии зерин омадан: 1. Инсон қобилияти нотакрори пайдо кардан, гузоштан ва ҳал кардани проблемаро дорад. 2. Фикррони аз вазъияти проблемавӣ оғоз меёбад. 3. Принсипи проблеманокӣ ҷараёни таълимро ба ҷараёнҳои маърифат ва фикрронии эҷодӣ наздик месозад.

Фикру ақидаҳои шунавандагон роҷеъ ба тарзи ташкил ва гузаронидани натиҷагирии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик. Муваффақият ва камбудиҳои санҷиши савияи дониши хонандагон бо роҳи пурсиши тестӣ (аз таҷриба)

**Мавзуи 11. Нақш ва вазифаҳои кабинетҳои таълимӣ дар таълими фан.**

Принсипҳои асосии ташкили кабинет. Таҷҳизонидани кабинет, ба нақшагирӣ ва ташкили кори кабинет (амсоли: а) ҷо ба ҷогузории асбобҳои аёнӣ; б) тартиб додани гӯшаи китобҳо; в) гузаронидани ҷашнвораҳои адибон ва олимони шинохтаи ҷумҳурӣ, инчунин муаллифони китобҳои дарсӣ; г) ташкили гӯшаи дафтардорӣ; ғ) ташкил кардани гӯшаи «Ҳусни хат» ва ҳоказо), роҳҳои ғанӣ гардонидани таҷҳизоти кабинет, ташкили дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ. Сохтани овезаҳо (плакатҳо), шиорҳо, намоишҳо. Тартиб додани гӯшаҳои «Имлои нави забони тоҷикӣ», «Савтиёти забони тоҷикӣ», «Грамматикаи забони тоҷикӣ», «Намунаи ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ», «Забоншиносони маъруфи тоҷик», «Адибони классикии форсу тоҷик», «Адибони адабиёти муосири тоҷик», «Адабиётшиносони маъруфи тоҷик» ва ҳ. Истифодаи воситаҳои техникии таълим дар тайёр намудани намоишҳо. Истифодаи самараноки таҷҳизоти кабинет. Талаботи умумӣ доир ба ташкили машғулиятҳои таълимӣ. Талаботи умумӣ доир ба таҷҳизонидани кабинети фаннӣ. Талаботи умумӣ доир ба истифодаи воситаҳои аёнӣ ва воситаҳои таълимии техникӣ. Истифодаи маводи маҳал дар самаранокии таълиму тарбияи хонандагон.

**Дарси амалӣ:** фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Нақш ва вазифаи кабинети таълимӣ дар таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик». Нақли ташкили кори кабинет, нақша ва таҷҳизонидани он. Тартиби ташкили гӯшаҳои кабинети таълимӣ ва ҷобаҷогузории маводи ҷамъшуда. Навиштани маърӯза оид ба мавзуи «Нақш ва вазифаи кабинети таълимӣ дар таълими забон ва адабиёти тоҷик» (аз таҷриба).

**Мавзуи 12. Тафаккури интиқодӣ дар раванди дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик.**

Маълумот дар бораи мафҳуми интиқод ва тафаккури интиқодӣ. Дар амал татбиқ намудани тафаккури интиқодӣ

ва ҳаллу фасл намудани масъалаҳои таълимӣ. Санъати муҳокимаронӣ.Тафаккури интиқодӣ ва озодандешӣ. Пешниҳоди андешаҳои нав ва рад намудани андешаҳо бо далелҳо.

**Дарси амалӣ.** Таҳлили байтҳои шеърҳои классикӣ ва асоснок намудани андешаҳои шахсии худ.

**Мавзуи 13. Истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивии таълим (УФИТ) дар раванди дарс.**

Усулҳои фаъол (ҳамфаъол) ва зуҳуроти он дар таълим. Муқоисаи усулҳои фаъоли таълим ва усулҳои анъанавӣ. Муайян кардани бартарӣ ва камбудиҳои усулҳои фаъол ва анъанавӣ. Мавқеи аёниятҳо дар муносибати фаъоли омӯзгор ва хонанда. Кор бо усулҳои «Кластер», ҷадвали «Инсерт», «Диаграммаи Венн», диаграммаи «Чӣ тавр?», диаграммаи «Барои чӣ?», усули «Т-нақша», “Ангезиши зеҳн”, “Шаршара”, “ММД”, “Синквейн”, “Пешгӯӣ”, “Ист”, “Блитс-пурсиш” ва ҳоказо.

Истифодаи бозиҳои шавқовар. Муаммоҳо, чистонҳо ва зарбулмасалҳо. Аҳамияти истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик. Кор бо матнҳои китоби дарсӣ, ҳамчун шакли ҳавасмандкунӣ ба омӯзиш. Мақсади асосии истифодаи усулҳои фаъоли таълим:

- гирифтани дониши саҳеҳ ва мукаммал;
- беҳтар гардидани сифати дарс;
- мустақилона ифода намудани фикру ақида;
- мулоҳизарониҳои боандешона ва ҳоказо.

«Ҳуҷуми фикрӣ» – яке аз намудҳои усули фаъоли таълим.

Аҳамияти усулҳои фаъоли таълим дар донишандӯзии хонандагон.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба истифодаи усулҳои фаъол (ҳамфаъол)-и таълим дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик. Ёдовар шудан аз бартарӣ

ва камбудиҳои усули номбурда дар ҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумии маҳал.

Пешниҳоди шунавандагон доир ба роҳҳои дониши васеъ ва саҳеҳ гирифтани хонандагон тавассути усулҳои фаъоли таълим (аз таҷриба).

**Мавзуи 14. Методикаи гирифтани корҳои хаттӣ ва омӯзиши тарзи тафтишу баҳогузорӣ ба онҳо аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик**.

Иншо. Диктант. Хелҳои диктант. Намудҳои диктант. Нақли хаттӣ. Эссе – иншои хурд. Баёни таассурот ва андешаҳои шахсӣ, ғоя ё сухан (гуфтор)-и адибону олимон, шахсиятҳои намоёни сиёсӣ ва дигарон дар эссе. Мақсади навиштани эссе. Сохтори он – андешаҳои муаллиф, тезис ва далелҳо (воқеаҳо, падидаҳои ҳаётӣ) ва хулоса.

**Дарси амалӣ.** Шиносоӣ бо корҳои хаттӣ.Муҳокимаи баҳогузории корҳои хаттӣ аз таҷриба. Тартиб додани нақшаи нақли хаттӣ дар мавзуъҳои интихобӣ. Навиштани эссе дар мавзуъҳои “Дасти одамизод гул аст”, “Забон ҳастии миллат”, “Тоҷикистон ватани Наврӯз аст”, “Модар олиҳаи бузурги ҳусн”, “Оилаи солим - ҷомеаи солим”, “Ҳунар беҳу ҳунар беҳу ҳунар беҳ” , “Роғун иншооти бузурги аср”, “Пойдории миллати тоҷик аз ваҳдат аст ”ва ғайра.

**Мавзуи 15. Хелҳои (тип) дарс, методикаи гузаронидани онҳо аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик.** Дарс шакли муҳимтарини таълиму тарбия, намудҳои дарс. Дарс бозӣ, Дарс сайёҳат. Дарс-семинар. Дарс-конфронс. Дарсҳои такрор. Дарси мустаҳкамкунии дониш. Дарс-викторина. Дарс-суҳбат ва ғайраҳо. Муқоисаи дарсҳои анъанавӣ ва муосири таълим

**Дарси амалӣ**.Тарзи фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда дар ҷараёни таълим ва дарёфти дониш, ба даст овардани малака ва маҳорат ва ташаккули ҷаҳоншиносӣ. Маҷмуи фаъолияти асосноки мантиқӣ, шарҳу тафсири

матнҳо (аз таҷриба), амалиёт барои азхудкунии амалӣ ва назарии матлаб ба таркиби равиш.

**Мавзуи 16. Таълими омехта ва моҳияти он.** Маълумот доир ба мафҳуми таълими омехта. Таълими омехта асоси рушди малакаҳо. Бартариҳои истифодаи таълими омехта дар раванди дарс. Истифодаи таълими омехта асоси рушди истифодабарии интернет ё худ усулҳои истифодаи технологияи навини таълим. Омӯзиши баръакс ва моҳияти он.

**Дарси амалӣ.** Шиносоии омӯзгорон бо мафҳуми таълими омехта ва баён намудани андешаҳо аз таҷриба. Таҳияи дарси яксоата бо истифода аз манбаъҳои интернетӣ. Кор карда тавонистан бо барномаҳои "Excel", "Zoom" ва "Google meet". Омода намудани руйнамо (презентасия) аз фанни забон ва адабиёти тоҷик.

**Мавзуи 17. Методикаи омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳои 5-6.** Роҳу усулҳои ташаккули қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар таълим. Тарзи таълими фанни «Забони тоҷикӣ» дар синфи V. Роҳҳои омӯзиши боби «Фонетика» (овозшиносӣ) ва имло. Маълумот дар бораи фонетика. Ибора, ҷумла ва хелҳои онҳо. Сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла. Ҷумлаи хуллас ва тафсилӣ. Ҷумлаҳои чидааъзо. Ҷумлаҳои дутаркиба ва яктаркиба. Мухотаб. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои мураккаб. Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Муродиф (синоним) ва мутазод (антоним). Ҳамгунаҳо (омонимҳо). Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ. Исм ва вазифаи он дар ҷумла. Исмҳои ҷинс ва хос, шахс ва ғайришахс, моддӣ ва маънӣ, кул ва ҷузъ. Феъл ва вазифаи он дар ҷумла. Шахс ва шумора дар феъл. Замонҳои феъл. Сохти феълҳо ва ҳ.

Тарзи таълими фанни «Адабиёти тоҷик» дар синфи номбурда. Маълумот дар бораи адабиёти шифоҳӣ (фолклор). Маълумот дар бораи афсона. Панду андарзҳои адибони классикии форсу тоҷик – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва диг. (ҷамъ – 21 адиб). Истифодаи усулҳои интерактивӣ.

Тарзи баёни дарс. Тарзи пурсиши дарс. Тарзи ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии дониши гирифта. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ.

Тарзи таълими фанни «Забони тоҷикӣ» дар синфи VI. Такрор ва ҷамъбасти маводи синфи V. Аломати тире ва нохунак дар нутқи айнан нақлшуда. Маълумот дар бораи ҳиссаҳои мустақили нутқ. Шарҳи мавзуъҳои боби «Нутқи мураттаб».

Тарзи таълими фанни «Адабиёти тоҷик» дар синфи VI. Роҳу усулҳои таълими боби “Адабиёти шифоҳӣ» (суруду тарона, рубоиву дубайтӣ ва чистон). Тарзҳои таълими бобҳои «Унсурулмаолии Кайковус» ва диг. (ҷамъ – 18 нафар). Истифодаи усулҳои интерактивӣ. Роҳу усулҳои баланд бардоштани қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳои 5-6. Навиштани тақриз ба китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳои 5 ва 6. Роҳу усулҳои ташаккули қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар таълим.

**Мавзуи 18. Методикаи омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳои 7-8.** Такрор ва ҷамъбасти маводи синфи VI. Услубҳои нутқ. Зарф ва навъҳои он. Зарфҳои тарзи амал, миқдору дараҷа, замон, макон ва сабабу мақсад. Сохти зарфҳо. Калимаҳои соҳавӣ ва шевагӣ. Маълумот дар бораи ҳиссаҳои номустақили нутқ. Пешоянд ва пасояндҳо. Роҳҳои таълими мавзуъҳои боби «Нутқи мураттаб».

Тарзи таълими фанни «Адабиёти тоҷик» дар синфи VII. Маълумот дар бораи насри ривоятӣ (достони «Бӯрондухт ва Искандар» аз «Доробнома»-и Абӯтоҳири Тарсусӣ ва афсонаи «Хиёнати аъробӣ» аз «Ҳазору як шаб»). Омӯзиш мероси адабии Заҳирии Самарқандӣ, Абулқосими

Фирдавсӣ ва диг. (ҷамъ – 20 нафар). Шуҳрат ва мақоми ин адибон дар миқёси адабиёти ҷаҳонӣ.

Тарзи таълими фанни «Забони тоҷикӣ» дар синфи VIII. Такрор ва ҷамъбасти маводи синфҳои V-VII. Фонетика ва имло. Калима ва таркиби он. Морфология (сарф). Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат. Сараъзоҳо – асоси грамматикии ҷумла. Мубтадо, хабар, хабарҳои феълӣ ва номӣ. Аъзоҳои пайрави ҷумла. Тарзи омӯзиши боби «Нутқи мураттаб».

Тарзи таълими фанни «Адабиёти тоҷик» дар синфи номбурда. Адабиёти тоҷик ва марҳалаҳои инкишофи он. Адабиёти асри X. Роҳҳои омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва диг. (ҷамъ – 16 нафар). Таърихи пайдоиши достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун». Хати сужет, мавзуъ ва ғояи асосии достонҳои ҳамноми Низомии Ганҷавӣ, Бадриддини Ҳилолӣ ва Шамсиддини Шоҳин. Роҳу усулҳои фаъоли таълими достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» дар муассиса. Шакли таълим дар дарсҳои адабиёт (таълим дар асоси достони «Хусрав ва Ширин»-и Низоми Ганҷавӣ).

**Дарси амалӣ.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳои 7-8». Шарҳу маънидод намудани роҳу усулҳои таълими мавзуъҳои услубҳои нутқ, зарф ва навъҳои он, сохти зарфҳо, калима ва таъбирҳо, ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ – аз фанни «Забони тоҷикӣ» ва омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти адибони китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфҳои 7-8 (аз таҷриба). Навиштани тақриз ба китобҳои номбурда.

**Мавзуи 19. Методикаи омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфи 9-10.** Тарзи таълими фанни «Забони тоҷикӣ» дар синфи IX. Такрор ва ҷамъбасти маводи синфҳои V-VIII. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаб. Роҳҳои таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ. Аломати китобат дар ҷумлаи мураккаби тобеъ. Ҷумлаи мураккаби бепайвандак. Хелҳои ҷумлаи

пайрав. Ҷумлаҳои пайрави ҳол. Ҷумлаи мураккаби пайвандакдор. Маълумоти умумӣ дар бораи забон. Хат ва пайдоиши он. Сабабҳои дигар шудани хат (алифбо). Роҳу усулҳои омӯзиши боби «Нутқи мураттаб».

Тарзи таълими фанни «Адабиёти тоҷик» дар синфи номбурда. Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ дар асрҳои XIII-XIV. Роҳҳои омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Саъдии Шерозӣ ва диг. (ҷамъ – 16 нафар).

Тарзи таълими фанни «Забони тоҷикӣ» дар синфи X. Такрори баъзе нуктаҳои муҳимтарини маводи синфҳои V-IX. Роҳҳои омӯзиши имлои ҳарфи **ӣ**. Ҳарфи **ӯ** ва имлои он. Ҳодисаҳои фонетикӣ. Аломати сакта **(ъ)** ва имлои он. Имлои исм ва сифат. Феъл ва имлои он. Шумораву ҷонишин ва имлои онҳо. Зарф ва имлои он. Пешоянду пасоянд ва имлои онҳо. Пайвандак ва имлои он. Имлои ҳиссача ва нидо. Одоби муошират. Ҳуҷҷатҳои расмӣ.

Тарзи таълими фанни «Адабиёти тоҷик» дар ин синф. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVI ва асри XVII. Роҳҳои омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдурраҳмони Мушфиқӣ ва диг. (ҷамъ – 14 нафар). Таҳлили корҳои амалӣ.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳои 9 ва 10». Навиштани тақриз ба китобҳои дарсии синфҳои 9-10.

**Мавзуи 20. Методикаи омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфи 11.** Тарзи таълими фанни «Забони тоҷикӣ» дар ин синф. Такрори баъзе нуктаҳои муҳимтарини маводи синфҳои V-X. Фонетика, имло ва талаффузи сареҳ (орфоэпия). Лексика. Таркиби луғавӣ. Сермаъноӣ. Омоним (ҳамгуна). Вожаҳои наздикталаффуз (паронимҳо). Муродифот (синонимҳо). Антоним (мутазод). Калимасозӣ. Морфология (сарф) ва имло (имлои ҳиссаҳои мустақил ва ёридиҳандаи нутқ).

Тарзи таълими фанни «Адабиёти муосири тоҷик» дар синфи номбурда. Адабиёти давраи нав. Адабиёти ҷадидия

(оғози садаи XX). Намояндагони адабиёти оғози садаи XX: Нақибхони Туғрал ва диг. (ҷамъ – 23 нафар). Роҳу усулҳои таълими мероси адабии ба барнома воридшудаи адибон.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфи XI». Навиштани тақриз ба китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик барои синфи XI.

**Мавзуи 21. Роҳҳои омӯзиши ҷинсҳои адабӣ, умумият ва фарқияти онҳо.**

Маълумоти умумӣ дар бораи таърихи пайдоиши ҷинсҳои адабӣ (ар. ҷинс – зот, қавм). Се ҷинси асосии асарҳои адабӣ: эпос; лирика; драма. Эпос (юн. – достон, ҳикоя, суруд) – яке аз ҷинси асосии адабиёт. Лирика (юн. лира – номи асбоби торноки мусиқии Юнони қадим) яке аз ҷинсҳои адабие, ки фикру ҳиссиёти аз воқеа ҳосилшударо тасвир мекунад. Аз рӯйи мазмун ба гурӯҳҳои зайл тақсим шудани асарҳои лирикӣ: а) лирикаи сиёсӣ; б) лирикаи фалсафӣ; в) лирикаи ахлоқӣ; г) лирикаи ишқӣ; ғ) лирикаи пейзажӣ; д) лирикаи иҷтимоӣ. Драма (юн. – ҳаракат, амалиёт) – мавзуи асарҳои саҳнавӣ. Гуногунии жанрҳои драма: драма, трагедия, комедия ва ҳ. Дар драма тасвир ёфтани конфликти ҷиддӣ ва мураккаби ҳаёт ва муборизаи басо тезу тунди мардум. Инъикос ёфтани муборизаи шадиди қувваҳои инқилобӣ ва зиддиинқилобӣ дар драммаи Ғанӣ Абдулло ва Шамсӣ Қиёмов «Тӯфон».

Жанрҳои бадеии намудҳои насру назми эпикӣ: латифа, масал, афсона, қисса, фелетон, новелла, очерк, ҳикоя, повест, ёддошт, роман, роман-эпопея (ҷангнома); қиссаи манзум (баллада), романи манзум, достони қаҳрамонӣ. Намудҳои лирика. Жанри лирика: манзума ва лирикаи сиёсиву иҷтимоӣ ё гражданию публитсистӣ, лирикаи фалсафӣ, ахлоқӣ ё панду насиҳатӣ, лирика ва достонҳои ишқӣ, достонҳои лиро-эпикӣ ва ғайра. Шаклҳои шеърии лирика: ашӯлаю суруд, фардиёт, мустазод, ғазал, қитъа, рубоӣ, маснавӣ, мусаллас, мураббаъ, мухаммас, мусаддас,

қасида, достон ва ғ. Намудҳои асосии драма: фоҷеа (трагедия), мазҳака (комедия), драма.

**Дарси амалӣ.** Шарҳи мафҳуми ҷинсҳои адабӣ. Ҷинсҳои муҳим ва асосии асарҳои адабӣ. Намунаҳои ҷинсҳои адабӣ. Роҳу усулҳои омӯзиши ҷинсҳои адабии эпос, лирика ва драма – умумият ва фарқияти онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумӣ (аз таҷриба). Бо мисолҳо фаҳмонидани ҷинсҳои адабӣ ва шарҳу маънидод намудани умумият ва фарқияти онҳо.

**Мавзуи 22**. **Кор бо матнҳо дар дарси забон ва моҳияти он.** Навъҳои матн. Навиштани матни тасвирӣ ва тавсифӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи услубҳои забони адабӣ: оммавӣ-публитсистӣ, бадеӣ; 4. Навиштани хабар ба рӯзномаи муассиса (иборат аз як ё ду сархат); 5. Нақл кардани афсонаи хурд, латифа ё ҳикояи хурд (дар синф), навиштани мазмуни асосии онҳо (дар хона); 6. Иншо дар мавзуи «Як лаҳзаи аз ҳама хуби ҳаёти ман» (дар хона), қироат ва муҳокимаи он (дар синф). 7. Навиштани мактуб ва пур кардани лифофа; 8. Машқи навиштани забонхат; 9. Нақли муфассали мазмуни матни ҳикоягӣ. Тартиб додани ду-се нақшаи содаи ҳикоя ва афсонаи нақлшуда; 10. Тартиб додани як нақшаи мураккаб (муфассал) аз рӯйи матни ҳикоя ё афсонае; 11. Нақли мухтасари ягон филм ё намоишнома; 12. Муколама ва баҳодиҳӣ ба намоиши телевизион ё гуфтори радио; 13. Мубоҳиса: Баҳо додан ба хислатҳои одамон; 14. Озмун: Қироати шеърҳо дар васфи баҳор, модар ва Наврӯз; 15. Озмун: Навиштани иншои хурд дар мавзуъҳои «Баҳор» ва ё «Модар».

Вобаста ба таълими дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб омӯхтани мавзуъҳои гуногуни матн, услубҳои нутқ, нақлҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи расмҳо ва маводи дигари таълимӣ, иншои проблемавӣ доир ба мавзуъҳои актуалӣ ва проблемавӣ, навиштани тавсифнома ба ин ё он қаҳрамони асари бадеӣ, омӯхтани ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ. Корҳои гуногуни хаттӣ ва даҳонии хонандагон: иншо ва хелҳои он,

нақли хаттӣ ва хелҳои он, диктанти эҷодӣ, диктанти озод. Аз назм ба наср баргардонидан. Нақли матнҳои бадеӣ. Нақли мазмуни кинофилмҳо, намоишҳои телевизион, радио, диафилмҳо. Навиштани мақола ба , рӯзнома ва маҷаллаҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявии бачагона. Роҳҳои омода намудани маърӯза ба ин ё он вохӯрӣ, шабнишинӣ, ҷашнвора ва ҳоказо.

**Дарси амалӣ.** Тақсимоти дурусти соатҳои нутқи мураттаб дар синфҳои мухталиф. Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон дар бораи инкишофи нутқи мураттаб, мазмун ва мундариҷаи он. Роҳу усулҳои ба хонандагон фаҳмонидани моҳияти дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб. Навиштани мавзуъҳои соатҳои инкишофи нутқи мураттаб дар як синф (мувофиқи дархости шунавандагон) ва шарҳу маънидод намудани яке аз мавзуъҳои он.

**Мавзуи 23. Роҳҳои омӯзиши таҳлили ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ.** Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои мураккаб ва фарқи онҳо аз ҷумлаҳои сода. Хелҳои ҷумлаи мураккаб: пайваст ва тобеъ; пайвандакдор ва бепайвандак. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои мураккаби пайваст. Ҷумлаи мураккаби пайваст ва муносибати маъноии ҷумлаҳои таркиби он. Ҷумлаи мураккаби пайваст бо пайвандакҳои пайи ҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ. Нақши аломати вергул дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст. Оҳанги талаффузи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор.Шинохтани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва хелҳои он дар матн. Риоя намудан ба тарзи талаффузи хелҳои ҷумлаҳои мураккаби пайваст. Вобаста ба хели пайвандакҳои пайвасткунанда (пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ) тартиб додани ҷумлаҳо.

Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Воситаҳои алоқаи ҷумлаи мураккаби тобеъ. Ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав. Оҳанги талаффузи ҷумлаҳои

мураккаби тобеъ. Мавқеи вергул дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Хелҳои ҷумлаи пайрави таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо якчанд ҷумлаи пайрав (ҷумлаи пайравашон бар шарҳи як аъзо ва ё аъзоҳои гуногуни сарҷумла омадаанд). Ҷумлаи пайрави чида ва паи ҳам дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ. Фарқияти ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Шинохтани ҷумлаи мураккаби тобеъ, донистани аломатҳои барҷастаи он (аз рӯйи пайвандакҳои тобеъкунанда, дорои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав будан). Тартиб дода тавонистани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ вобаста ба пайвандакҳои асосие, ки ин ё он навъи ҷумлаи пайравро ба сарҷумла алоқаманд мекунанд. Сарфаҳм рафтан ба моҳияти тобишҳои маъноии пайвандакҳо дар алоқаманд намудани ҷумлаи пайрав бо сарҷумла. Роҳҳои омӯзиш ва таҳлили ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ.

**Дарси амалӣ.** Шарҳу тавзеҳ додани ҷумлаҳои мураккаб. Аз ҷумлаҳои сода тартиб ёфтани ҷумлаҳои мураккаб. Фаҳмонидани хелҳои ҷумлаҳои мураккаб (пайваст ва тобе, пайвандакдор ва бепайвандак). Риояи талаффузи хелҳои ҷумлаи мураккаби пайваст ва тобеъ. Фарқи ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Роҳу усулҳои омӯзиши таҳлили ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ дар ҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумӣ (аз таҷриба). Таҳлили якчанд ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ ва шарҳу маънидод намудани онҳо.

**Мавзуи 24**.**Методикаи ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназӣ.** Фаъолгардонии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназӣ. Баланд бардоштани маърифат ва савияи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумии ҷумҳурӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназӣ. Нақш, вазифа ва мазмуни корҳои бсруназсинфӣ ва беруназӣ. Шаклҳои корҳои беруназсинфӣ ва беруназӣ: хониши беруназсинфии

адабиётҳои таълимӣ, ташаккули дониш тавассути ҷамъ намудани маълумотҳо оид ба фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, ахборот, рӯзномаи деворӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои бачагона, дастнавису албомҳо, конференсияҳо ва шабнишиниҳо, вохӯриҳо бо адибону олимони шинохтаи ҷумҳурӣ ва муаллифони китобҳои дарсӣ, викторинаю бозиҳо, саёҳатҳои тасаввуротӣ, озмунҳои фаннӣ, олимпиадаҳо ва корҳои фоиданоки чамъиятии дохилиӣ ва берунаӣ. Роҳу усул ва тарзҳои ба корҳои берунаэсинфӣ ва берунаӣ майлу рағбат пайдо намудани хонандагон.

**Дарси амалӣ 3 с.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон роҷеъ ба мавзуи «Методикаи ташкили корҳои берунаэсинфӣ ва берунаӣ дар таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик». Роҳу усулҳои доир намудани корҳои берунаэсинфӣ ва берунаӣ.

Саҳм ва нақши омӯзгорон дар доир кардани корҳои берунаэсинфӣ ва берунаӣ. Роҳҳои боз ҳам хубтару беҳтар ба роҳ мондани корҳои берунаэсинфӣ ва берунаӣ дар шароити кунунӣ (аз таҷриба).

**Мавзуи 25. Таълими баҳрҳои арӯз ва рукнҳои солими он дар дарси адабиёт.** Маълумот дар бораи баҳрҳои арӯз. Рукнҳои солими арӯз (фаӯлун, фоилун, мафоӣлун, фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, мафоилатун ва мутафоилун). Баҳрҳои арӯз (ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб, мутадорик, қариб, музореъ, мушокил, ҷадид, хафиф, муҷтасс, сареъ, мунсареҳ, муқтазаб, тавил, мадид, басит, вофир ва комил). Мафҳуми ҳиҷо, ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ, якуним ҳиҷо. Вазифаи ҳиҷо дар назм ва наср.

**Дарси амалӣ.** Шиносонидани шунавандагон бо баҳрҳои арӯз, таҳлили порчаҳои шеърӣ ва муайян намудани баҳрҳои шеър. Азёд ва тақтеъ кардани кардани мисраъҳо ва байтҳои шеърӣ .

## Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ

**Мавзуи 1. Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ (базавӣ).** Иштирок ва мушоҳидаи намудани дарси яксоатаи омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик ва расонидани кӯмаки методӣ.Хулоса ва ҷамъбасти дарс.

**Дарси амалӣ.** Иштирок ба соатҳои тарбиявӣ, таҳлил намудан ва додани маслиҳатҳои методӣ барои беҳбудии мавзуъҳои соатҳои тарбиявӣ. Шиносой ва додани маслиҳатои методӣ доир ба ҳуҷҷатдории омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик. Маъвод ва ороиши гӯшаҳо.

**Мавзуи 2. Роҳу усулҳои таълими ҷумлаҳои мураккаби омехта дар дарси забон.** Муносибати замонӣ. Ҷумлаҳои мураккаби омехтаи сеҳиссагӣ. Муносибати грамматикӣ ва маъной дар чумлаҳои мураккаби омехта.

**Дарси амалӣ.** Шарҳу тавзеҳ додани ҷумлаҳои мураккаби омехта. Фарқи ҷумлаҳои мураккаби омехта аз дигар ҷумлаҳо.Таҳлили якчанд ҷумлаи мураккаби омехта ва шарҳу маънидод намудани онҳо.

**Мавзуи 3. Тарзи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти адибони муосир, олимон ва фарзандони фарзонаи халқи тоҷик.**

Яке аз қадимтарин ва шевотарин забонҳои ҷаҳон ба ҳисоб рафтани забони тоҷикӣ. Диққати бисёр адибон ва олимони ҷаҳонро ба худ ҷалб намудани забони номбурда. Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Лоиқ Шералӣ, Хоҷи Хусайни Кангуртӣ ва ғайраҳо.

Рукни муҳимми таълими адабиёт ба ҳисоб рафтани зиндагиномаи адибон.Шинос намудани шунавандагон бо таърихи адабиёти классикиву муосири форсу тоҷик.

**Дарси амалӣ.** Вазифаи шунавандагони КТИ ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти адибони муосири форсу тоҷик. Шарҳи мероси адабии онҳо. Роҳу усулҳои ифоданок қироат намудани осори боқимондаи адибони номбурда. Шарҳу маънидоди ашъори адибони номбурда (аз таҷриба).

**Мавзуи 4. Нақши ҳамгироии таълим дар раванди дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик**. Маълумот дар бораи мафҳуми ҳамгиро. Нақши ҳамгиро дар баланд бардоштани тафаккури зеҳнии шунавандагон. Фарқияти ҳамгиро аз таълими фардӣ. Нақши ҳамгиро дар самаранокии таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик.

**Дарси амалӣ**. Шарҳу тавзеҳи мафҳуми ҳамгиро.Таҳлили мисраҳои шеърӣ ва ҷумлаҳои содаю мураккаб.

**Мавзуи 5. Таълими муқоисавии мавзуъҳои сифати феълӣ ва феъли ҳолат.**

Маълумоти мухтасар дар бораи сифати феълӣ ва феъли ҳол. Умумият ва фарқияти онҳо. Сифати феълӣ ва аломатҳои морфологии он. Вазифаи сифати феълӣ дар ҷумла. Замонҳои сифати феълӣ ва тарзи сохта шудани онҳо: сифати феълии замони гузашта, сифати феълии замони ҳозира, сифати феълии замони ҳозира-оянда, сифати феълии замони ҳозираи муайян, сифати феълии замони оянда.

Сохти сифати феълӣ. Имлои сифати феълӣ. Вазифаи сифати феълӣ дар ҷумла. Оҳанги талаффузи сифати феълӣ дар ҷумла. Таърифи феъли ҳол. Феъли ҳол ҳамчун шакли махсуси феъл: шаклҳои мутлақ ва давомдори феъли ҳол. Аломатҳои морфологии феъли ҳол. Вазифаи феъли ҳол дар ҷумла. Сохт ва таркиби феъли ҳол. Имлои он. Замонҳои феъли ҳол. Умумият ва фарқи феъли ҳол аз сифати феълӣ. Оҳанги талаффузи феъли ҳол дар ҷумла. Тавассути матнҳо ва порчаҳои назмӣ шарҳу маънидод намудани мавзуъҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол. Таълими муқоисавии боби «Сифати феълӣ» ва «Феъли ҳол» дар ҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумӣ.

**Дарси амалӣ.** Шарҳу маънидод намудани мавзуъҳои «Сифати феълӣ» ва «Феъли ҳол». Аломатҳои морфологии сифати феълӣ ва феъли ҳол. Маълумоти мухтасар дар бораи замон, сохт, вазифа ва оҳанги талаффузи сифати феълӣ. Фаҳмонидани шаклҳои мутлақ ва давомдори феъл, аломатҳои морфологӣ, вазифа, сохт, таркиб, замон ва имлои феъли ҳол. Роҳу усул ва тарзҳои таълими

муқоисавии мавзуъҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол дар муассиса (аз таҷриба). Таҳлили якчанд ҷумлаҳое, ки дар таркибашон сифати феълӣ ва феъли ҳол доранд.

**Мавзуи 6. Аъзои истисноии ҷумла, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ва усули таълими онҳо 1 соат.**

Маълумоти умумӣ дар бораи аъзои истисноии ҷумла. Ба вазифаи аъзои истисноӣ омадани калимаю ибораҳо ва ҷумлаҳо. Ба мисли саразъзоҳо ва аъзои пайрави ҷумла бо як оҳанг талаффуз нашуда, савти махсус доштани аъзои истисноӣ. Баёнияи истисноӣ ҳамчун навъи махсуси аъзои истисноии ҷумла. Аъзои истисноии эзоҳӣ. Оҳанги ҷумлаҳое, ки аъзои истисноӣ доранд. Аломатҳои китобатӣ дар аъзои истисноӣ. Шинохтан ва дар матн бамаврид истифода кардани аъзои истисноии ҷумла ва баёнияҳои истисноӣ. Ҳангоми гуфтор ва қироати ҷумлаву матн риоя намудан ба меъёри талаффузи аъзои истисноӣ.

Имлои аъзои истисноии ҷумла. Маълумот дар бораи хусусиятҳои асосии нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Нақли гуфтори шахс тавассути нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Дар нутқи айнан нақлшуда нигоҳ дошта шудани хусусиятҳои грамматикию луғавӣ ва услубию оҳангнокии суханони гӯянда. Интонатсия ва аломатҳои китобат дар нутқи айнан нақлшуда.

Роҳҳои ифодаи мазмуни нутқи айнан нақлшуда. Иқтибос ҳамчун нақли сухани шахси дигар. Бо аломати нохунак ҷудо кардани иқтибос. Фарқи нутқи айнан нақлшуда аз мазмунан нақлшуда. Роҳу усулҳои таълими аъзои истисноии ҷумла, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда дар дарсҳои забони тоҷикӣ.

**Дарси амалӣ.** Шарҳу маънидод намудани аъзои истисноии ҷумла ва нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда, савти махсуси аъзои истисноии ҷумла ва оҳанги талаффузи он. Аломатҳои китобатии аъзои истисноии ҷумла ва нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Хусусиятҳои асосии нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Роҳҳои фаҳмонидани фарқи нутқи айнан нақлшуда аз мазмунан нақлшуда. Роҳу усулҳои таълими аъзои истисноии ҷумла, нутқи айнан ва мазмунан

нақлшуда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумӣ (аз таҷриба). Таҳлили якчанд ҷумлаҳо, ки дар таркиби худ аъзои истисноӣ ва нутқи айнан нақлшуда ва ё мазмунан нақлшуда доранд.

**Мавзуи 7. Тарзҳои гузаронидани таҳлил ва намудҳои он (фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ).**

Талаботи асосӣ ба дониш ва малакаи омӯзгорон:

–**аз фонетика ва графика**: мафҳуми фонетика, хелҳои овоз, бадалшавии овозҳо, аломатҳои хат, муносибати овоз ва ҳарф, алифбо, фарқи садонокҳо аз ҳамсадоҳо, ҳамсадоҳои ҷарангнок ва беҷаранг, ба ҳиҷо ҷудо кардани калима, мувофиқи талаботи меъёри забони адабӣ талаффуз кардани калимаҳо;

–**аз лексика**: лексика, маънои лексикии калима, таснифоти калима аз ҷиҳати маъно (синоним ва антоним), сермаъноии калима: маънои аслӣ ва маҷозии калима, шарҳи маънои лексикии калимаҳои маъмул, маънои лексикии ин ё он калима дар ҷумла, кор кардан бо фарҳанги забони тоҷикӣ;

–**аз калимасозӣ**: калимасозӣ чиро меомӯзад?, ба асосу бандак ҷудо шудани калима, таркиби асосии калима, муайян кардани асос ва бандаки калима, муайян кардани таркиби асос, таҳлили таркиби калима;

–**аз морфология**: таърифи ҳиссаҳои нутқ (мустақилмаъно ва ёридиҳанда), шинохтан ва фарқ кардани ҳиссаҳои омӯхташудаи нутқ, аломатҳои морфологии ҳиссаҳои нутқ, фарқ кардани аломатҳои доимӣ ва лаҳзаинаи онҳо, таҳлили морфологии ҳиссаҳои нутқ, сохтани калимаҳо, шаклҳои феъл, тарзи сохта шудани сифати феълӣ ва феъли ҳол ва амсоли инҳо;

–**аз синтаксис**: фарқи ибора аз ҷумла, аз ҷумла ҷудо кардани ибораҳо, ёфтани асоси ҷумла, сохтани ибораҳо аз ҳиссаҳои омӯхташудаи нутқ, фарқи ҷумлаи сода аз мураккаб, хусусиятҳои саръазо ва аъзоҳои пайрави ҷумла, хусусиятҳои аъзоҳои чидаи ҷумла, фарқи мубтадо аз хабар, хусусияти ҷумлаҳои нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда, фарқи нутқи айнан нақлшуда аз диалог, таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои сода ва мураккаб, тартиб додани

ҷумлаҳои сода, мураккаб ва чидааъзо, дуруст интихоб кардани калима дар ибора ва ҷумла, ибораҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол, риоя кардан ба оҳанги талаффузи ҷумлаҳо, муайян кардани калимаҳои тобеъшаванда ва тобеъкунанда, хусусиятҳои сохти ҷумлаҳои сода ва мураккаб, воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайрав бо сарҷумла, хелҳои ҷумлаи пайрав, муносибати маъноии ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби бепайвандак, вобаста ба матн ва жанри матни интихобгардида муайян кардани хелҳои гуногуни ҷумлаи мураккаб, равшану возеҳ хондан ва талаффуз кардани хелҳои гуногуни ҷумлаҳои сода ва мураккаб ва ҳоказо.

**Дарси амалӣ.** Маълумоти мухтасар дар бораи навъҳои таҳлил (таҳлили фонетикӣ, таҳлили морфологӣ ва таҳлили синтаксисӣ). Ҳангоми таҳлил риоя намудан ба қоидаҳои маъмул. Роҳу усул ва тарзҳои гузаронидани таҳлили фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумии ҷумҳурӣ (аз таҷриба).

**Мавзуи8. Педагогикаи хонандамеҳвару омӯзгормеҳвар ва моҳияти онҳо.** Нақши омӯзгорони фанни забон ва адабиёт дар синфхонаи хонандамеҳвар. Фарқияти асосӣ педагогикаи омӯзгормеҳвар ва хонандамеҳвар. Роҳҳои омӯзиш. Омӯзиши якҷоя. Макони мусоид барои азхудкунии донишҳо.

**Дарси амалӣ.** Шунавандагон доир ба педагогикаи хонандамеҳвар ва омӯзгормеҳвар маълумот гирифта, аз таҷриба мисолҳо меоранд.Тамошои навори видеоӣ ва муҳокимаи он.

**Мавзуи 9. Тарҳи унверсалии омӯзиш ва мусоидсозии оқилона дар дарси забон ва адабиёти тоҷик**. Маълумот дар бораи тарҳи унверсалии омӯзиш**.** Мусоидсозии оқилона. Принсипҳои калидии тарҳи унверсалии омӯзиш.

**Дарси амалӣ:** Шунавандагон доир ба мавзуи тарҳи унверсалии омӯзиш маълумот гирифта,аз таҷриба мисолҳо меоранд. Усулҳои тарҳи унверсалии омӯзишро дар раванди дарси забон ва адабиёт истифода мебаранд.

**Мавзуи 10. Эссе ва роҳҳои омӯзиши он дар муассиса. Тарзи навиштани эссе.** Эссе – иншои хурд. Баёни таассурот ва андешаҳои шахсӣ, ғоя ё сухан (гуфтор)-и адибону олимон, шахсиятҳои намоёни сиёсӣ ва дигарон дар эссе. Мақсади навиштани эссе. Сохтори он – андешаҳои муаллиф, тезис ва далелҳо (воқеаҳо, падидаҳои ҳаётӣ) ва хулоса.

Масъалагузорӣ (ё гузаштани савол) дар сарсухан: «Меҳоҳам доир ба ин масъала андешаамро баён кунам» (агар эссеи шахсӣ ё субъективӣ) бошад. «Моҳияти масъалаи гузошташуда аз чӣ иборат аст?», «Чаро ин мавзӯъ муҳим аст?», «Ман ба ин андеша розӣ шуда наметавонам», «Ман ба ин андеша розиам» ва ғайраҳо.

Таъкид дар хулоса: «Аз таҳлили мавзӯъ чунин хулоса бармеояд, ки …», «Ман ба чунин хулоса омадам, ки …». Аз нуқтаи назари мазмун ба чунин гурӯҳҳо тақсим шудани эссе: фалсафӣ, адабӣ - танқидӣ, таърихӣ, бадеӣ, бадеию публитсистӣ ва ғайраҳо. Ҳаҷми эссе. Мавзӯъҳои он. Пайдарпай ва фикррониии мантиқӣ, рабти сухан, далелҳои мувофиқ, сарсухани диққатҷалбкунанда, хулосаи дилчасп дар эссе. Бо усули публитсистӣ («яъне очерк») навиштани он. Тарзи навиштани иншо, диктант, нақли хаттӣ ва арзёбӣ намудани онҳо.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Абдусамади Мулло. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – 400 с.
2. Аминов С. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 7. – Душанбе: “Маориф”, 2019, 272.с.
3. Аминов С. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 8. – Душанбе: “Маориф”, 2020, 256 с.
4. Аминов С. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 10. Душанбе: “Маориф” 2018,224 с.
5. Аминов С., Ниёзов Ф.,Муҳиддинов Қ ва дигарон. Стандарти фанни забони тоҷикӣ ва роҳнамои омӯзгор(синфҳои 5-9).Душанбе- 2012, 92 с.
6. Анварӣ С., Мирзоев А.А.Ғаффоров. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи синфи 6-уми муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе, 2020.232 с.
7. Асозода Х., Кӯчаров А. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе: “Маориф”, 2018,400 с.
8. Афсаҳзод А. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8. – Душанбе, 2001.
9. Бобомуродов Ш.,Сабзаев С.,Набизода С.Забони тоҷикӣ. барои хонандагони синфи 5. Душанбе: Маориф,2018, 250 с.
10. Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – №10. – С.8-14.
11. Забони адабии ҳозираи тоҷик (лексикология, фонетика, морфология). Қ.1. – Душанбе, 1973.
12. Забони адабии ҳозираи тоҷик. (Синтаксис). Қ.2. – Душанбе, 1975.
13. Зеҳнӣ Ф., Бақозода Ҷ. Сарфи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010, 250 с.
14. Камолиддинов Б. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе: “Маориф”, 2018, 256 с.

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.10.2009.№ 553.
16. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (Қарори ҲҶТ аз 30.06.2021, №262). – Душанбе, 2021.
17. Қурбонов М. Инкишофи нутқ дар дарсҳои забони модарӣ. – Душанбе, 1988.96 с.
18. Қурбонов Х.Абдувалиев А., Шарофиддинов Н.,
19. Маҳкамов С. Бозиҳои шавқовар дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик.- Душанбе, 2008. – 25 с.
20. Мирзод Т., Сутатуллоҳи Д. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 5. – Душанбе: “Маориф”, 2017, 304 с.
21. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1.– Душанбе, 1987.
22. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2.– Душанбе, 1989.
23. Мухторӣ.Қ.Роҳнамои фанни забони тоҷикӣ барои синфи 5-ум.Душанбе:Маориф.2017.,84 с.
24. Наимбоев С. Таълими шеър дар .– Душанбе, 1982.
25. Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А. ва диг. Маҷмуи модулҳо оид ба низоми таълими салоҳиятнокӣ. – Душанбе, 2016. 400 с.
26. Олимова Ф.Методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик дар такмили ихтисос.Душанбе-2010, 77 с.
27. Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис. – Душанбе, 1988.
28. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. – Душанбе, 1972.
29. Раҳматов Б. Китоби дарсӣ барои синфи 6. Душанбе: “Маориф” 2014,192 с.
30. Сатторзода А. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8.– Душанбе: “Маориф” 2018.320 с.
31. Тарз ва воситаҳои омӯзиши фаъол: дастури амалӣ (мураттиб Мирзоева Ф.).– Душанбе, 2006.88 с.
32. Тоиров У., Солеҳов М., Шарифов Р. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 7. – Душанбе, 2018. 288с.

33. Тошбоева З. Ниёзов Ф.Такмили маҳорати педагогии омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик.Душанбе, 2010,71 с.
34. Тошбоев З.Ниёзов Ф.Маводи ёрирасон барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик. Душанбе- 2010, 71 с.
35. Тоиров У., Солеҳов М.,Ширинзода Н.Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 10. – Душанбе, 2018, 336 с.
36. Хоҷаев Д., Зикриёев Ф., Саломов М., Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 9. – Душанбе: “Маориф”2018.184 с.
37. Хоҷаев Қ., Абдувалиев А., Шарафиддинов Н., Раҳматов Б. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 6. – Душанбе, 2010.230 с.
38. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2014.
39. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Қисми I. -Душанбе.,-2020.431с.
40. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Қисми II. -Душанбе.,-2020.431с
41. Манбаъҳои интернетӣ

Ба матбаа ________ супорида шуд.
Ба чоп ____________ иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ ____
Теъдод ___________ нусха.